**Тақриз**

**ба диссертатсия ва автореферати Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих” барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ)**

Омӯзишу пажӯҳиши вижагиҳои забонии осори асрҳои миёна имкон медиҳад, сурати забон – таркиби луғавии он, сохтори морфологии вожагон ва хусусиёти наҳвии забон, таҳаввул ва инкишофи он дар давраҳои мухталиф мушаххас шавад. Муҳаққиқони риштаи забоншиносӣ бештар ба омӯзиши осори марҳилаи аввали забон – забони порсии дарӣ пажӯҳишҳое анҷом дода, ба осори насри таърихии асрҳои XIII-XIV чун “Таърихи Ҷаҳонгушой”-и Ҷувайнӣ, “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидаддин “Таърихи Вассоф”-и Вассоф камтар таваҷҷуҳ кардаанд.

Вобаста ба асари “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидаддин ба ҷуз чанд мақолае дар Тоҷикистону Эрон интишор шуда, пажӯҳише анҷом нашудааст. Аз ҷумла муҳаққиқ Маҳдӣ Зиёӣ мақолае дар мавриди асари мазкур навишта дар бораи забони асар мегӯяд, ки “насри китоби “Ҷомеъ-ут-таворих” дар маҷмӯъ содаву равон ва беороишу олоиш ва саҳлултановул аст”.

Пажӯҳиши анҷомдодаи Юсупов Шоҳин барои илми забоншиносӣ иқдоми саривақтӣ ва судманд аст, аммо сухан гуфтан дар боби забон ва баёни “Ҷомеъ-ут-таворих ба андозае душвор аст, зеро дар тадвини он Рашидаддин дастёрони зиёде доштааст ва бо итминон наметавон гуфт, ки тамоми бахшҳои мухталифи он зодаи қалами Рашидаддин аст. Илова бар ин

таъсиру сабку баёни осори таърихии пешина ва овардани иқтибосот ва айни қавл дар онҳо ба назар мерасад, ки кори муҳаққиқро мушкилу мураккаб кардааст.

Диссертатсияи Юсупов Шоҳин дар атрофи вижагиҳои луғавиву грамматикии ҳиссаҳои номии нутқ – исм, сифат, шумора ва ҷонишин, инчунин феълу зарф ва ҳиссаҳои ёвари нутқ, категорияҳо ва навъҳои он дар асари "Ҷомеъ-ут-таворих", ки аз се боб иборат аст, аввалин пажӯҳиши густарда дар ҳавзаи илмии форсизабонон анҷом шуда маҳсуб меёбад ва муаллиф ба ҳадафу мақсадҳои гузоштааш расида, ба дастовардҳои илмии назаррас ноил шудааст:

- Диссертатсия аз лиҳози илмӣ комил буда, масоили баррасишаванда амиқу дақиқ ва саҳеҳу равон баён шудаанд. Андешаҳои илмии муаллиф бо руҷӯъ ба андешаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ва манобеи илмӣ асоснок шудаанд;
- банду басти диссертатсия, унвони бобу фаслҳо дурусту мушаххас ва дар доираи масоили бахши морфолгияи дастурҳои забони тоҷикӣ тарҳрезӣ шудаанд;
- масоили пажӯҳишшуда ва баррасишуда бо равиши муназзам баён шуда, дар поёни фаслу зерфаслҳо натиҷагирӣ шудаанд;
- аксари вожагони "Ҷомеъ-ут-таворих" аз рӯи вижагиҳои луғавӣ-грамматикашон таҳлил ва бар асоси дастурҳои забони тоҷикӣ тасниф шудаанд;
- сохтори вожагон таҳлил шуда, аз назари сохторӣ гурӯҳбандӣ шудаанд;
- ҳангоми таснифи ҳиссаҳои нутқ бархе аз вожагон решашинохтӣ шудаанд;

Диссертатсияи мазкур арзиши баланди илмиву назариявӣ дорад, зеро дар он таҳлили вижагиҳои сохтории вожагони насри осори садаи XIV ва раванди инкишофи забони адабӣ нишон дода шуда, нақши осори таърихӣ дар пойдорӣ ва ғанӣ гардидани забон мушаххас шудааст. Натиҷаҳои пажӯҳиш маводи арзишмандест барои тадрис ва таҳияи васоити таълимӣ аз фанни таърихи забон, грамматикаи таърихӣ ва морфология.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ диссертатсия баҳри боз ҳам саҳеҳу комилтар шудани пажӯҳиш дар атрофи "Ҷомеъ-ут-таворих" якчанд нуктаву эродро мебояд қайд кард:

1. Бештари қисматҳои ин китоб баргирифта аз дигар мутуни таърихӣ ба сурати иқтибос ва нақли айни иборот аст, аз ин рӯ таъсири насри ин китобҳо ба асар ба нахви боризе намоён аст. Масалан қисмати аз оғози ҷаҳони асар баргирифта аз "Таърихи Табарӣ" ва қисме аз "Таърихи Яминӣ", дар бахши таърихи Мубораки Ғозонӣ таъсири шеваи нигориши "Таърихи Ҷаҳонгушо" комилан ҳувайдост, бинобар ин агар ҳангоми баррасии вожагон ба ин асарҳо ҳам руҷӯъ мешуд, доираи ковишҳо васеътар ва арзиши илмии асар меафзуд.

2. Ҳангоми баррасии артикли –е ба дастурҳои суннатӣ низ мебоист рӯй овард, зеро дар онҳо 17 вазифаи ин ҳарф ва 24 номи он дарҷ гардидааст, ки дар дастурҳои муосир бархе аз вазифаҳои ҳарфи мазкур дарҷ нагардидаанд. Агар ҳангоми таҳлил аз нигоҳи ин дастурҳо корбурди ҳарфи ی дар асар баррасӣ мешуд, домани баҳс фарохтару аз нигоҳи илмӣ қавитар мешуд. Аз нигоҳи решашинохтӣ баромади ҳарфи ی -и накара ва ی -и рабт аз ду вожаи гуногун аст, бинобар ин вазифаҳои

грамматикии онҳо фарқ мекунанд, ки ин масъала дар кор ба инобат гирифта нашудааст.

3. Дар фасли ҷонишинҳо ҳангоми баррасии ҷонишинҳои энклитикӣ мебоист корбурди онҳо бо феълҳо низ баррасӣ мешуд, зеро ба вазифаи мафъул омадани онҳо вижагии аз забони форсии бостон мондаи ин навъи ҷонишинҳо мебошад. Масалан: гуфтамаш, дидамат – мафъул ё ин ки будаш – ش-и фоилӣ.

4. Дар боби сеюм дар зерфасли "2.1.3. Сиға" феълҳо аз рӯи сиғаҳо баррасӣ шудааст. Дар дастурҳои форсӣ ва дар китоби "Сарфу наҳви тоҷикӣ"-и С. Ализода 6 сиғаи феъл нишон дода шудааст. Ҳангоми таснифи сиғаҳо ин тафовут дар шинохти сиғаҳои феъл бо овардани намунаи шавоҳид аз асар ва ба домани баҳс кашидани назарияҳои мухталиф дар мавриди сиғаҳои феъл ба манфиати кор мешуд.

5. Бархе аз вожагон аз матни "Ҷомеъ-ут-таворих" дар диссертатсия иштибоҳ хонда шудаанд. Чунончи: базаҳ ба ҷойи буза (33), балик– ба ҷойи билак (37), шипиш ба ҷойи шипаш (59), муфсид ба ҷойи муфсад (113).

6. Ҳангоми пажӯҳиш муаллифи диссертатсия ба китоби Ҳусайн Ямин "Дастури таърихии забони порсии дарӣ", ки хусусиятҳои дастурии осори асрҳои X-XIV-ро фаро гирифтааст, истифода мекард, ба манфиати пажӯҳиш мебуд.

7. Дар диссертатсия (ниг. 5, 23,24, 26, 32, 40, 53, 55, 57, 65, 68, 79, 88, 92, 121, 124) ва нусхаи русии автореферат (35, 36, 37, 56) ғалатҳои имлоиву китобат ҷой доранд.

Нукоту эродҳои ироашуда арзиши илмии диссертатсияро ҳаргиз коста намекунанд ва умед аст, онҳо дар наздиктарин фурсат бартараф шаванд.

Ҳамин тавр, диссертатсия ва автореферати Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич пажӯҳиши илмии бaанҷомрасида ва дорои аҳаммияти назариву илмӣ буда, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои КАО Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муҳаққиқ Юсупов Шоҳин Раҳимбердиеви сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи таърихи
забон ва типологияи ДМТ **Шарипова Фарангис Худоиевна**

Сана: “23” 11________ 2020
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
farangis70@mail.ru
(+992) 918624654

Имзои Шарипова Фарангис
Худоиевнаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ **Тавқиев Э. Ш.**